Такриз

ба автореферати Чиллаев Суҳроб Ҷӯрахонович дар мавзӯи «Афкори назарӣ-адабӣ ва интиқодии Сайфҷоми Ҳиравӣ дар «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» барои дарёфти дараҷаи илмии PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт ва матншиносӣ.

Рисолаи Сайфҷоми Ҳиравӣ «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва-л-авзон», ки таълифаш охири асри XIV ва аввали асри XV сурат гирифтааст, аз назари муҳтаво масъалаҳои чигунагии шеъру ҳунари шоирӣ, таснифу табақабандии шеър аз назари моҳият, соҳибони тарз дар шеър, санъатҳои бадеӣ, арӯз, қофия, нақди адабӣ ва амсоли инҳоро дар бар мегирад.

Диссертатсия ба таҳқиқу пажӯҳиши масъалаҳои афкори назарӣ-адабӣ ва интиқодии донишманди ҳавзаи Ҳинд Сайфҷоми Ҳиравӣ бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия мабоҳиси марбут ба мавзӯъро дар се боб тарҳрезӣ карда, ҳар бобро ба фаслҳо ва зерфаслҳо дастабандӣ намудааст. Диссертант боби якуми диссертатсияро «**Сайфҷоми Ҳиравӣ ва андешаҳои илмӣ- назарии ӯ доир ба шеър ва ҳунари шоирӣ**» унвонгузорӣ намуда, масоили чун: мероси илмӣ-адабии Сайфҷоми Ҳиравӣ, муҳокимаҳои илмии Сайфҷом роҷеъ ба назарияи адабӣ, сайри такомули шеър, назари Сайфҷом нисбат ба мутақаддимон ва нақди ду асли адабиёти қадим, умумият ва тафовути назму шеър, таснифу табақабандии шоирон, урфи шоирона, тарз ё сабкшиносӣ, сабкшиносии даврӣ аз диди Сайҷоми Ҳиравӣ, мақоми каломи манзуму мансур аз дидгоҳи Сайфҷомро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Масоили истилоҳот ва таърифу тавзеҳи улуми балоғӣ ва бадеӣ дар «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон»** ном дошта, вазъи улуми балоғӣ то замони Сайфҷоми Ҳиравӣ, ибтикороти балоғии Сайфҷоми Ҳиравӣ дар «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон», илми бадеъ ва моҳияти он дар орои Сайфҷоми Ҳиравӣ аз мавзӯоти асосии фаслҳои боби мазкур ба ҳисоб мераванд. Диссертант масоили матраҳгардидаро хело мӯшикофона таҳқиқу баррасӣ намудааст. Боби сеюми диссертатсияро унвонҷӯ «**Масоили илми арӯз ва қофия дар «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон»** ном ниҳодааст. Ин боб дорои се фасл мебошад, ки онҳо аз баёни илмии матолиби тариқи тақтеъ, баёни доираҳо ва шинохти буҳуру авзон аз назари Ҳиравӣ, қофия ва анвои он аз диди Сайфҷоми Ҳиравӣ, ибдооти Сайфҷом дар шинохти назария ва истилоҳоти қофия иборат мебошанд.

Дастоварди илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки бори нахуст дар адабиётшиносии форсу тоҷик афкори назарӣ- адабӣ ва интиқодии Сайфҷоми Ҳиравӣ дар асоси асари назариявии ӯ - «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Бояд гуфт, ки дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳо ба назар расиданд. Чунончи:

1. Дар автореферат корбасти истилоҳоти арабӣ зиёд ба назар расиданд, ки шарҳу тафсири онҳо ба манфиати кор аст.
2. Дар навиштани номи муҳаққиқон баъзе ғалатҳо роҳ ёфтааст.
3. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд.

Эродҳои мазбур ҷузъӣ буда, арзиши илмии авторефератро кам карда наметавонад.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба таври фишурда инъикос менамоянд. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 10.01.08. – Назарияи адабиёт ва матншиносӣ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария ва
таърихи адабиёти Донишкадаи
давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улугзода Давлатбеков Л. М.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев 73/6. E-mail: lolo davlatbekov @mail.ru Тел: +(992) 23250 00

Имзои Давлатбеков Л. М –ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С.Улуғзода Начмуддинов Ш. М.